«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон, д.и.и., профессор
Иброҳимзода И.Р. ________________
«__01__»_______________ 2026 сол.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод мешавад.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқоти мазкур дар шароити муосир бо як қатор омилҳои муҳим мубрамияти хос пайдо менамояд. Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки дар асри XXI масъалаи ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Афзоиши таъсири антропогенӣ ба табиат, истифодаи аз ҳад зиёди захираҳои табиӣ ва паст гардидани сатҳи масъулияти экологӣ боиси вайроншавии мувозинати табиӣ ва камшавии гуногунии биологӣ мегардад. Дар ин замина, шикори ғайриқонунӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии расонидани зарар ба олами ҳайвонот, таваҷҷуҳи махсуси илмиву амалиро талаб менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, ҳифзи олами ҳайвонот, аз ҷумла пешгирии шикори ғайриқонунӣ, аҳаммияти махсусро касб менамояд.

Шикори ғайриқонунӣ на танҳо ба нобудшавӣ ё камшавии намудҳои нодир ва зери хатари маҳвшавӣ қарордоштаи ҳайвонот оварда мерасонад, балки ба устувории низоми экологӣ низ таъсири манфӣ мерасонад. Бо дарназардошти он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи табиӣ ва гуногунии биологӣ мебошад, масъалаи ҳифзи онҳо аз ҳама гуна таҷовуз, аз ҷумла аз шикори ғайриқонунӣ, аҳаммияти муҳим дорад. Илова бар ин, Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии як қатор санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва

гуногунии биологӣ, уҳдадор аст, ки тадбирҳои самаранокро барои пешгирӣ ва муқовимат ба чунин кирдорҳои зиддиқонунӣ амалӣ намояд.

Бо дарнардошти гуфтаҳои боло, қайд намудан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати дорои захираҳои бойи табиӣ ва гуногунии нодири биологӣ, ба масъалаи ҳифзи муҳити зист ва олами ҳайвонот таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар амал татбиқи ин меъёрҳо бо мушкилоти муайян рӯ ба рӯ мегарданд. Аз ҷумла, латентнокии ин ҷиноят, нокифоя будани назорат, камбудиҳои механизми татбиқи қонун ва мушкилоти муайян дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба самаранокии мубориза бар зидди ин падида таъсири манфӣ мерасонанд.

Илова бар ин, тағйирёбии шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва афзоиши талабот ба захираҳои табиӣ, аз ҷумла маҳсулоти ҳайвонот, ба густариши шикори ғайриқонунӣ мусоидат менамояд. Дар баъзе ҳолатҳо, омилҳои иҷтимоӣ, аз қабили сатҳи пасти шуғл ва нокифоя будани маърифати экологӣ низ метавонанд шахсони алоҳидаро ба содир намудани чунин ҷиноятҳо водор созанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷанбаҳои криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ ва омилҳои ангезандаи чунин рафтор аҳаммияти назаррас доранд.

Мубрамияти мавзуъ аз он бармеояд, ки таҳқиқоти мазкур ба баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ, таҳлили ҷанбаҳои криминологӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он равона гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дошта бошанд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи мазкур пешниҳодгардида, ки ба масъалаҳои шикори ғайриқонунӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он бахшида шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ қарор дошта, ба талаботи корҳои тахассусии илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки мавзуи интихобшударо ба таври ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор дода, хулосаҳо ва пешниҳодҳои худро дар заминаи далелҳои боэътимоди назариявӣ ва амалии илмӣ асоснок намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили мукаммали сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои соҳавӣ, санадҳои зерқонунӣ ва дигар санадҳои танзимкунандаи муносибатҳои вобаста ба ҳифзи муҳити зист ва олами ҳайвонот ба даст оварда шудаанд. Ҳамзамон, Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот аз маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, маълумоти омории дастрас, санадҳои судӣ ва дигар

манбаъҳои амалии соҳа истифода намудааст, ки ин имкон медиҳад ҳолати воқеии мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ ва мушкилоти мавҷуда дар татбиқи қонунгузорӣ ошкор карда шаванд. Илова бар ин, истифодаи васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ заминаи боэътимоди назариявии таҳқиқотро таъмин намуда, ба муаллиф имконият додааст, ки масъалаҳои мавриди баррасиро аз дидгоҳҳои гуногуни илмӣ таҳлил намояд.

Дар раванди таҳқиқот маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок ва мантиқӣ истифода шудаанд. Ин заминаи методологӣ имкон додааст, ки шикори ғайриқонунӣ на танҳо ҳамчун кирдори ҷиноятӣ, балки ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва криминологӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, сабабҳо, шароит ва омилҳои ба он мусоидаткунанда муайян карда шаванд.

Хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дар асоси таҳлили пайдарпай ва мантиқии маводи назариявӣ ва амалии мавҷуда асоснок гардидаанд. Муаллиф собит менамояд, ки шикори ғайриқонунӣ ҳамчун яке аз ҷиноятҳои экологӣ дорои хусусиятҳои махсус буда, ба амнияти экологӣ, гуногунии биологӣ ва мувозинати табиӣ таъсири манфии ҷиддӣ мерасонад. Ҳамзамон, дар таҳқиқот хусусиятҳои криминологии ин намуди ҷиноят, аз ҷумла шахсияти ҷинояткор, омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ба содиршавии он мусоидаткунанда ва сатҳи муайяни латентнокии он мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд.

Пешниҳодҳои илмии дар диссертатсия баёншуда дорои хусусияти амалӣ буда, ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ, баланд бардоштани самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва рушди чораҳои пешгирии шикори ғайриқонунӣ равона гардидаанд. Аз ҷумла, пешниҳодҳо ба такмили меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, мушаххассозии аломатҳои таркиби ҷиноят, тақвияти назорати давлатӣ ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва экологӣ шаҳрвандон нигаронида шудаанд.

Ҳулоса ва пешниҳодҳои илмии муаллиф дар асоси таҳлили воқеии ҳолати қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ таҳия гардида, аз ҷиҳати мантиқӣ, илмӣ ва амалӣ асоснок мебошанд. Татбиқи онҳо метавонад ба баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ мусоидат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия ҳамчун яке аз аввалин таҳқиқоти маҷмуавӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ, масъалаи шикори ғайриқонуниро на танҳо аз дидгоҳи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки дар ҳамбастагӣ бо ҷанбаҳои криминологӣ ва экологӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор медиҳад. Дар муқоиса бо таҳқиқоти қаблӣ, ки асосан ба

ҷанбаҳои алоҳидаи ин падида таваҷҷуҳ намудаанд, дар кори мазкур шикори ғайриқонунӣ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ бо дарназардошти хусусиятҳои ҳуқуқӣ, сабабу шароитҳои бавуҷудоранда ва паёмадҳои он таҳқиқ гардидааст.

Муаллиф бо истифода аз равиши низомнок ва таҳлили мукаммал нишон медиҳад, ки шикори ғайриқонунӣ на танҳо вайрон кардани қоидаҳои истифодаи захираҳои табиӣ, балки як намуди ҷинояти экологӣ буда, ба амнияти экологӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ ва мувозинати табиӣ таҳдиди воқеӣ эҷод менамояд. Дар таҳқиқот бори аввал кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки моҳияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин падида дар робита бо омилҳои криминологӣ, аз ҷумла шахсияти ҷинояткор, шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сатҳи латентнокии ҷиноят, ба таври мукаммал баррасӣ карда шавад.

Навгонии илмии таҳқиқот, аз ҷумла, дар самтҳои зерин ифода меёбад:

– асоснок намудани моҳияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ ҳамчун яке аз шаклҳои ҷиноятҳои экологӣ ва муайян намудани хусусиятҳои фарққунандаи он;

– таҳлили амиқи таркиби ҷиноят ва мушаххассозии аломатҳои объективӣ ва субъективии он дар заминаи қонунгузории амалкунанда;

– муайян намудани омилҳо ва шароитҳои асосии ба содиршавии шикори ғайриқонунӣ мусоидаткунанда, аз ҷумла омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ;

– таҳқиқи хусусиятҳои криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ ва муайян намудани хусусиятҳои хоси рафтори ҷиноятӣ дар ин самт;

– арзёбии сатҳи латентнокии ин намуди ҷиноят ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои воқеии ҷинояткорӣ;

– пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии шикори ғайриқонунӣ.

Муаллиф дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи баъзе давлатҳои дигари аъзои ИДМ ба хулосае меояд, ки такмили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи муосир яке аз шартҳои асосии баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ мебошад. Дар ин замина, як қатор пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва беҳтар намудани механизми татбиқи онҳо ироа гардидаанд.

Саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи васеи сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва маълумоти оморӣ таъмин гардидааст. Илова бар ин, такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таҳқиқот заминаи мустаҳками назариявӣ бахшидааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқ дар хулосаҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда таҷассум ёфта, бо таҳлили воқеии ҳолати қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он мутобиқат доранд. Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки диссертатсияи мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим буда, метавонад барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, инчунин барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ истифода гарданд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур дорои аҳаммияти фарогири илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи он масъалаҳои ҳуқуқӣ ва криминологии шикори ғайриқонунӣ ба таври комплексӣ ва низомнок мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, муаллиф мафҳум, хусусиятҳо, омилҳо ва сабабҳои содиршавии ин навъи ҷиноятро бо назардошти шароити муосир баррасӣ намуда, инчунин тавсифи криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонуниро пешниҳод кардааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки заминаи назариявии омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои вобаста ба ҷиноятҳои экологӣ ғанӣ гардида, доираи донишҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ васеъ карда шавад.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла меъёрҳои танзимкунандаи ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонунӣ, истифода шаванд. Ҳамзамон, тавсияҳои таҳияшуда барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва дигар ниҳодҳои марбута дар самти ошкор, пешгирӣ ва таҳқиқи чунин ҷиноятҳо аҳаммияти амалӣ доранд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки коҳиш додани сатҳи шикори ғайриқонунӣ ба нигоҳдории захираҳои табиӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо мусоидат намуда, аз расонидани зарари иқтисодӣ ба давлат пешгирӣ менамояд. Илова бар ин, баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ дар ин самт метавонад ба рушди устувори соҳаҳои марбут ба истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла хоҷагии шикор ва сайёҳии экологӣ, мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия бошад, дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот ба ҳалли масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ҳифзи муҳити зист, нигоҳдории гуногунии биологӣ ва таъмини амнияти экологӣ равона гардидааст. Шикори ғайриқонунӣ ҳамчун яке аз шаклҳои ҷиноятҳои экологӣ ба

манфиатҳои ҷомеа зарари ҷиддӣ расонида, боиси вайрон гардидани мувозинати табиӣ ва камшавии захираҳои ҳайвоноти ваҳшӣ мегардад. Дар ин замина, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва экологии аҳолӣ, ташаккули муносибати масъулона нисбат ба табиат ва коҳиш додани сатҳи чунин ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намоянд. Ҳамчунин, татбиқи пешниҳодҳои муаллиф метавонад ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъият дар соҳаи экология замина гузорад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои диссертатсия аҳаммияти муҳими илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таҳкими ҳифзи муҳити зисту манфиатҳои ҷамъият заминаи устувор фароҳам меоранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Исломзода Илҳом Ислом дар заминаи мустаҳками меъёрӣ-ҳуқуқӣ асос ёфта, бо далелҳои муътамад таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқ муаллиф аз санадҳои асосии меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ, экологӣ, инчунин санадҳои зерқонуние, ки дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва гуногунии биологӣ қабул шудаанд, истифода намудааст. Ин ҳолат имкон додааст, ки хулосаҳои пешниҳодгардида бар асоси манбаъҳои боэътимод ва эътирофшудаи ҳуқуқӣ ташаккул ёбанд.

Дурустии натиҷаҳои таҳқиқ бо истифодаи маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси соҳаи ҳуқуқ таъмин гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои диалектикӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнокӣ, мантиқӣ ва оморӣ ба таври васеъ татбиқ шудаанд. Истифодаи ин усулҳо ба муаллиф имкон додааст, ки падидаи шикори ғайриқонуниро дар робитаи мутақобилаи омилҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ таҳлил намуда, қонуниятҳо ва тамоюлҳои асосии рушди онро муайян намояд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар пайдарҳамӣ, мантиқият ва далелнокии хулосаҳо зоҳир мегардад. Хулосаҳои илмӣ на ба таври умумӣ, балки бар пояи таҳлили мушаххаси меъёрҳои ҳуқуқӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, маълумоти оморӣ ва дигар сарчашмаҳои эмпирикӣ пешниҳод гардидаанд. Ин равиш ба таъмини мутобиқати натиҷаҳои таҳқиқот бо воқеияти амалии мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ мусоидат намудааст. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқ муаллиф аз осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ истифода намуда, мавқеи илмии худро дар заминаи баҳсу андешаҳои мавҷуда асоснок кардааст. Дар баробари ин, истифодаи маводи оморӣ ва таҳлили ҳолатҳои мушаххаси шикори ғайриқонунӣ имкон додааст, ки натиҷаҳои бадастомада хусусияти воқеӣ ва амалӣ касб намоянд.

Ҳамин тариқ, дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсия дар сатҳи илмӣ қарор дошта, хулоса ва пешниҳодҳои он дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузорӣ дар самти мубориза бо шикори ғайриқонунӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Исломзода Илҳом Ислом дар таҳқиқи диссертатсионӣ дар сатҳи баланди мустақилияти илмӣ, таҳлили амиқ ва коркарди эҷодкоронаи масъалаҳои назариявию амалии марбут ба шикори ғайриқонунӣ зоҳир мегардад.

Муаллиф бори аввал дар илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ масъалаи шикори ғайриқонуниро ба сифати падидаи мураккаби ҳуқуқӣ ва криминологӣ дар заминаи таҳқиқи комплексӣ ва системавӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар ҷараёни таҳқиқ моҳият, хусусиятҳо, омилҳо ва сабабҳои содиршавии ин навъи ҷиноят, инчунин таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муҳити зист ба таври илмӣ асоснок карда шудаанд.

Саҳми шахсии довталаб махсусан дар таҳияи натиҷаҳои зерини илмӣ зоҳир мегардад: муайян намудани хусусиятҳои криминологии шикори ғайриқонунӣ ва тавсифи шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ; ошкор намудани омилҳо ва шароитҳои мусоидаткунандаи содиршавии ин ҷиноят; таҳлили ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои рушди шикори ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; асоснок намудани зарурати такмили меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба ҷавобгарӣ барои чунин ҷиноятҳо; инчунин таҳияи пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ ва амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии пешгирӣ ва мубориза бо он.

Ҳамаи таҳлилҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии дар диссертатсия ишорашуда маҳсули фаъолияти мустақилонаи муаллиф буда, дар асоси омӯзиши амиқи сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маводи оморӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва адабиёти илмии ватанию хориҷӣ таҳия гардидаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд, ки ин аз мустақилият, навгонӣ ва саҳми назарраси довталаб дар таҳияи масъалаҳои баррасишуда шаҳодат медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва мазмуну моҳияти он Исломзода Илҳом Ислом натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 11 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ интишор ёфтаанд.

Дар мақолаҳои мазкур натиҷаҳои асосӣ ва муҳимтарини таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф ба таври мантиқӣ, пайдарҳам ва асоснок инъикос гардидаанд. Нашрияҳои илмии зикршуда фарогири масъалаҳои муҳимми мавзуи таҳқиқ буда, паҳлуҳои гуногуни назариявӣ ва амалии марбут ба шикори ғайриқонуниро мавриди таҳлили амиқ қарор медиҳанд. Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Хомушов, И.И. Заминаҳои иҷтимоии муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №1 – С. 117-125; ISSN 2413 – 5151.

[2-М]. Хомушов, И.И. Масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42) – С. 109-116; ISSN 2410 – 2903.

[3-М]. Шарипов, Т.Ш., Хомушов, И.И., Мафҳуми шикори ғайриқонунӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ш. Шарипов, И.И. Хомушов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №2 (22) – С. 147-161; ISSN 2414 – 9217.

[4-М]. Хомушов, И.И., Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шикори ғайриқонунӣ бо қонунгузории мамлакатҳои дигари аъзои ИДМ [Матн] / И.И. Хомушов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №3 – С. 231-238; ISSN 2413 – 5151.

[5-М]. Хомушов, И.И. Сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва таъсири он ба ҷомеа [Матн] / И.И. Хомушов // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4. – С. 304-308; ISSN 2410 – 2903.

[6-М]. Сафарзода, А.И. Исломзода И.И. Танзими ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғйриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Сафарзода, И.И. Исломзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №4 (60). – С. 276-282. ISSN 2410 – 2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

[7-М]. Хомушов, И.И. Тарафи объективии шикори ғайриқонунӣ [Матн] / Хомушов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026). Душанбе, 2022. – С. 385-389.

[8-М]. Хомушов, И.И. Тавсифи аломатҳои тарафи субъективии ҷинояти шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масоили мубрами мурофиаи

маъмурӣ: мушкилот дурнамо ва роҳҳои ҳалли он». – Душанбе, соли 2022. – С. 143-149.

[9-М]. Хомушов, И.И. Аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Материалы Международных научно практических мероприятий Обшества Науки Творичества. г. Казань. – 2022. – С. 69-75.

[10-М]. Хомушов, И.И. Роҳҳои пешгирии шикори ғайриқонунӣ [Матн] / И.И. Хомушов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» таҳти унвони «Ҳолат ва дурнамои рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2024. – С. 326 – 337.

[11-М]. Исломзода, И.И. Шикори ғайриқонунӣ: асосҳои назариявӣ ҳуқуқӣ [Матн] / И.И. Исломзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ амалӣ бахшида «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2025. – С. 181 – 186.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз лиҳози мазмун, сохтор ва ҳаҷм кори анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи корҳои диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Дар қисми муқаддимавӣ мубрамият ва аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ дар шароити муосир асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқи илмии масъала дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дар ин бахш объект ва предмети таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии он, заминаҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври мушаххас ва мантиқӣ муайян карда шудаанд.

Сохтори диссертатсия бо дарназардошти мантиқ ва ҳадафҳои таҳқиқ ташкил ёфта, аз муқаддима, се боб, нуҳ зербо, хулосаҳо, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва феҳристи корҳои илмии муаллиф иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро дар бар мегирад. Чунин тарҳрезии сохторӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба шикори ғайриқонунӣ ба таври пайдарҳам ва фарогир мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Бобҳои диссертатсия бо риояи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, хар яке ҷанбаҳои муайяни мавзӯи таҳқикро дар бар мегирад. Дар онҳо масъалаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва криминологии шикори ғайриқонунӣ, хусусиятҳои он, омилҳо ва шароитҳои мусоидаткунанда, инчунин роҳҳои такмили танзими ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ин падида мавриди таҳлили муфассал қарор дода шудаанд.

Боби аввали диссертатсия, ки **«Танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ: таҳлили назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ»**

ном дорад, ҳамчун қисми муҳими таҳқиқот баромад намуда, дорои арзиши назариявӣ ва амалии назаррас мебошад. Сохтори ин боб се зербобро дар бар гирифта, дар доираи онҳо муаллиф омилҳо ва заминаҳои иҷтимоии муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятиро барои шикори ғайриқонунӣ ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳамчунин, масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва ҷанбаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ин намуди ҷавобгарӣ бо таҳлили амиқ баррасӣ гардидаанд. Илова бар ин, дар боб таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо шикори ғайриқонунӣ бо қонунгузории кишварҳои дигари аъзои ИДМ анҷом дода шудааст.

Зербоби якуми диссертатсия ба омӯзиши фарогири заминаҳои иҷтимоии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ бахшида шуда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дорои аҳаммияти муҳим арзёбӣ мегардад. Дар доираи ин зербоб масъалаи таҳқиқ дар иртибот бо тағйирёбии муносибати инсон нисбат ба муҳити зист ва афзоиши таъсири манфии фаъолияти ӯ ба олами ҳайвонот баррасӣ гардида, зарурати танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур ва татбиқи воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври асоснок нишон дода шудааст.

Ҳамзамон, дар зербоб ба масъалаҳои таъмини амнияти экологӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ диққати махсус дода шуда, онҳо ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир арзёбӣ гардидаанд. Муаллиф бо истинод ба андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин бо такя ба меъёрҳои қонунгузории миллӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои соҳавӣ, мазмун ва аҳаммияти ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти мусоидро асоснок намудааст (саҳ. 22).

Зербоби дуюми боб ба баррасии муфассал ва фарогири заминаҳои назариявӣ ва механизми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонунӣ равона гардида, аз ҷиҳати илмӣ дорои аҳаммияти назаррас мебошад. Муаллиф ин масъалаҳоро дар асоси таҳлили назарияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, дастовардҳои илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар доираи зербоб масъалаи фарқ намудани шикори қонунӣ аз шикори ғайриқонунӣ, инчунин муайян кардани ҳадди байни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ бо таҳлили амиқ баррасӣ шудааст. Муаллиф ба таври асоснок таъкид мекунад, ки меъёри калидии чунин фарқгузорӣ сатҳи хавфнокии ҷамъиятии кирдор мебошад. Ин мавқеъ бо истинод ба санадҳои қонунгузорӣ ва назарияҳои илмӣ тақвият ёфта, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад (саҳ. 35-39).

Ҷанбаҳои муҳими дигари зербоб, ин таҳлили хусусияти бланкетии диспозитсияи моддаи 232 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муаллиф дуруст зикр менамояд, ки татбиқи дурусти ин меъёр бидуни

мурочиат ба санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ ғайриимкон аст, зеро маҳз онҳо аломатҳои таркиби ҷиноятро мушаххас менамоянд. Дар ин замина, масъалаи нақш ва мақоми санадҳои зерқонунӣ ва таъсири онҳо ба танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ низ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст (саҳ. 44).

Зербоби сеюми боби якум ба яке аз масъалаҳои муҳими дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ – таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо шикори ғайриқонунӣ дар муқоиса бо қонунгузории кишварҳои дигари аъзои ИДМ, бахшида шудааст.

Дар доираи ин зербоб муаллиф аҳаммияти истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқиро барои ошкор намудани ҷиҳатҳои мусбат ва нуқсонҳои қонунгузории миллӣ нишон додааст. Бо такя ба мавқеъҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, нақши назариявӣ ва амалии ин усул ба таври возеҳ асоснок гардидааст, ки аз сатҳи баланди омодагии методологии муаллиф ва истифодаи самараноки усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла Арманистон, Белорусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Федератсияи Россия, Туркманистон ва Узбекистон мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтааст. Дар ин раванд на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ оварда шудаанд, балки хусусиятҳои фарқкунанда, монандиҳо дар сохтори моддаҳо, намудҳои ҷавобгарӣ, андозаи зарар ва тартиби муайян намудани он низ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки ин ба баланд гардидани сатҳи илмии таҳқиқ мусоидат менамояд (саҳ. 53-62).

Дар маҷмӯъ, боби мазкур фарогири таҳлили мукаммали асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ буда, бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҷанбаҳои муҳим, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян месозад.

Боби дуюми диссертатсия бо унвони **«Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ»** ба таҳқиқи мукаммали хусусиятҳои ҳуқуқии ин кирдор бахшида шуда, дар доираи он муаллиф бо такя ба муқаррароти моддаи 232 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои таркибии ҷинояти мазкурро ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин қисмат моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии шикори ғайриқонунӣ аз дидгоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ гардида, масъалаҳои назариявӣ ва амалии он дар ҳамбастагӣ омӯхта мешаванд.

Зербоби якуми боби мазкур ба баррасии яке аз масъалаҳои калидӣ ва мураккаби илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне муайян намудани объект ва предмети шикори ғайриқонунӣ, бахшида шудааст. Дар доираи ин зербоб моҳият ва мазмуни объект ва предмети ҷинояти мазкур бо такя ба мавқеъҳои олимони

ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин бо истифода аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври амиқ таҳлил гардидааст. Муаллиф мафҳуми объекти ҷиноятро ба таври пайдарпай шарҳ дода, гуногунии назарҳоро дар илми ҳуқуқ инъикос менамояд ва дар заминаи таҳлил мавқеи илмии худро асоснок месозад.

Илова бар ин, предмети ҷинояти шикори ғайриқонунӣ низ ба таври фарогир мавриди таҳлил қарор гирифта, аломатҳои ҳуқуқӣ ва экологии он муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, ба сифати ҷанбаи муҳим, ҷудо намудани ҳайвоноти ваҳшӣ, ки дар ҳолати озоди табиӣ қарор доранд, ҳамчун предмети асосии ҷиноят ва фарқ намудани онҳо аз ҳайвоноти хонагӣ дуруст ва асоснок нишон дода шудааст (саҳ. 80).

Дар зербоби дуюм тарафи объективии ҷинояти шикори ғайриқонунӣ ба таври ҳамаҷониба ва муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба андешаҳои олимони шинохтаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ моҳият ва мазмуни ин унсури муҳими таркиби ҷиноятро шарҳ дода, онро ҳамчун зуҳуроти берунии кирдори ба ҷамъият хавфнок тавсиф менамояд.

Афзалияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф на танҳо мавқеъҳои гуногуни илмиро муқоиса кардааст, балки бо пешниҳоди назари мустақили худ ба масъалаҳои баҳснок низ рӯшанӣ андохтааст. Аз ҷумла, ба масъалаҳои муайян намудани мафҳуми «зарари калон», лаҳзаи анҷомёбии ҷиноят ва фарқгузорӣ байни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ диққати махсус дода шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба такмили қонунгузорӣ, махсусан зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаи 232 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешбинӣ намудани меъёри алоҳида, дорои аҳаммияти амалии назаррас мебошанд (саҳ. 97).

Зербоби сеюм ба омӯзиши аломатҳои субъективии ҷинояти шикори ғайриқонунӣ бахшида шуда, аз ҷиҳати илмӣ ва мантиқӣ яке аз бахшҳои калидии таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Афзалияти асосии зербоб дар он ифода меёбад, ки мафҳуми субъекти ҷиноят ва тарафи субъективӣ на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки бо дарназардошти хусусиятҳои хоси шикори ғайриқонунӣ таҳлил гардидааст.

Ҳамзамон, дар зербоб шаклҳои гуноҳ – қасд ва беэҳтиётӣ инчунин, баҳсҳои илмии вобаста ба муайян намудани шакли гуноҳ ҳангоми содир гардидани шикори ғайриқонунӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо муқоисаи мавқеъҳои гуногуни илмӣ ва ибрози назари мустақили худ ба хулосае меояд, ки ин навъи ҷиноят, одатан, бо қасди бевосита содир карда мешавад. Ин натиҷа бо истинод ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судӣ тақвият дода шудааст (саҳ. 110-113).

Зербоби чоруми боби дуюм ба баррасии аломатҳои бандубасткунандаи ҷинояти шикори ғайриқонунӣ бахшида шуда, аз ҷиҳати муҳтаво ва фарогирии

масъалаҳои ҳуқуқӣ яке аз бахшҳои муҳими таҳқиқ ба ҳисоб меравад. Дар доираи он муаллиф ҳолатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти мазкурро ба таври муфассал таҳлил намудааст. Қобили зикр аст, ки таҳқиқ танҳо бо номбар кардани чунин аломатҳо маҳдуд нагашта, балки моҳият, хусусият ва аҳаммияти ҳуқуқии ҳар яке аз онҳо бо истинод ба қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ шарҳ дода шудааст.

Дар зербоб диққати махсус ба масъалаҳои истифодаи мақоми хизматӣ, содир намудани ҷиноят дар ҳайати гурӯҳ инчунин, ба ҳолатҳои содир гардидани ҷиноят дар ҳудудҳои махсус ҳифзшаванда равона гардидааст. Муаллиф ду равиши назариявӣ яъне, маҳдуд ва васеъро нисбат ба фаҳмиши истифодаи мақоми хизматӣ муқоиса намуда, бо далелҳои асоснок мавқеи васеъро ҷонибдорӣ кардааст, ки чунин бархӯрд ба ғанӣ гардидани андешаи илмӣ мусоидат менамояд (саҳ. 117-118).

Дар маҷмӯъ, боби дуюми диссертатсия бо фарогирии васеи масъалаҳои мавриди таҳқиқ, таҳлили амиқ ва хулосаҳои мантиқию асоснок сатҳи баланди омодагии илмии муаллифро нишон дода, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории соҳа аҳаммияти назаррас дорад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Тавсифи криминологии шикори ғайриқонунӣ»** ба омӯзиши амиқ ва фарогири паҳлуҳои криминологии ҷинояти мазкур бахшида шуда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ арзиши назаррас дорад. Дар доираи ин боб муаллиф асосан ба ошкор ва таҳлили омилҳое таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки ба содиршавии шикори ғайриқонунӣ замина мегузоранд, инчунин шароити мусоидаткунандаи онро муайян месозанд. Ҳамзамон, хусусиятҳои шахсияти афроде, ки ба чунин кирдор даст мезананд, мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтааст.

Зербоби якуми боби мазкур ба таҳқиқи хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии шикори ғайриқонунӣ, инчунин ба тавсифи криминологии шахсияти содиркунандагони он бахшида шуда, яке аз бахшҳои муҳими таҳқиқ ба ҳисоб меравад. Дар доираи он муаллиф ин навъи ҷиноятро аз мавқеи криминологӣ мавриди таҳлили амиқ қарор дода, кӯшиш намудааст, ки моҳият, сатҳи паҳншавӣ ва омилҳои ташаккули он дар ҷомеа ба таври ҳамаҷониба равшан гарданд. Афзалияти муҳими зербоб дар он зоҳир мегардад, ки баррасии масъала на танҳо дар сатҳи назариявӣ анҷом ёфтааст, балки бо истифода аз маълумоти оморӣ ва таҳлили парвандаҳои мушаххаси ҷиноятӣ асоснок гардида, ба хулосаҳои пешниҳодшуда эътимоднокии бештар мебахшад (саҳ. 133-136).

Илова бар ин, дар зербоб ба таҳлили криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Муаллиф бо такя ба нишондиҳандаҳои демографӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ намунаи умумии чунин шахсонро муайян намуда, нишон медиҳад, ки аксаран онҳо мардони синни

қобили меҳнат буда, дорои сатҳи нисбатан пасти маълумот ва дучори мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ мебошанд. Чунин таҳлил имкон медиҳад, ки сабабҳо ва омилҳои ба вуҷуд омадани ин навъи ҷиноят амиқтар дарк карда шаванд (саҳ. 143).

Зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия ба баррасии сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва роҳҳои пешгирии он бахшида шуда, яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти криминологӣ ва ҳуқуқи экологиро дар бар мегирад. Дар доираи он муаллиф бо такя ба адабиёти муосири илмӣ ва таҳлили парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба моддаи 232 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш намудааст, ки моҳият ва табиати сабабҳои ин навъи ҷиноятро ба таври ҳамаҷониба ошкор намояд.

Бартарии таҳқиқи зербоби мазкур дар он ифода меёбад ки, муаллиф ба масъалаи таъминоти моддию техникии мақомоти ваколатдор диққати махсус дода, зарурати таъмин намудани онҳо бо воситаҳои муосири назорат ва таҳқиқотиро асоснок менамояд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқ танҳо ба ҷанбаҳои назариявӣ маҳдуд нашуда, ба ҳалли мушкилоти амалии соҳа низ равона гардидааст. Пешниҳодҳо оид ба васеъ намудани ваколатҳои мақомоти назорати шикор ва додани баъзе салоҳиятҳои мақоми таҳқиқ ба онҳо ҳамчун андешаҳои ҷолиб ва баҳсбарангез арзёбӣ гардидааст (саҳ. 151-153).

Дар маҷмӯъ, боби сеюми диссертатсия, ки ба таҳлили криминологии шикори ғайриқонунӣ бахшида шудааст, бо мазмуни васеи илмӣ, сатҳи баланди омодагии илмии муаллифро инъикос менамояд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар раванди такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди истифода қарор гиранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи: «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Исломзода Илҳом Ислом ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз сатҳи баланди илмӣ, навгонӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия, дар он баъзе камбудиҳо ва нуктаҳои баҳсталаб ба мушоҳида мерасанд, ки метавонанд дар раванди муҳокимаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Аз ҷумла:

1. Дар матни диссертатсияи мазкур, муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи мубориза бо шикори ғайриқонунӣ «то имрӯз аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст». Ин андеша каме муболиғаомез менамояд, зеро баъзе ҷанбаҳои алоҳидаи ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ, аз ҷумла шикори ғайриқонунӣ дар адабиёти ҳуқуқии Ватанӣ баррасӣ шудаанд.

2. Дар матни диссертатсия масъалаи заминаҳои иҷтимоии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ ба таври фарогир баррасӣ шудааст, аммо дар баъзе қисматҳо таҳлил бештар хусусияти тавсифӣ гирифта, истифодаи усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва оморӣ метавонист амиқтар бошанд. Аз ҷумла, муқоисаи нишондиҳандаҳои паҳншавии ин ҷиноят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо имкони боз ҳам мукаммал намудани хулосаҳои илмиро фароҳам меовард.

3. Дар диссертатсия мушоҳида мегардад, ки муаллиф бештар ба мавқеъ ва андешаҳои олимони Федератсияи Россия такя намудааст. Гарчанде истифодаи адабиёти хориҷӣ барои ғанӣ гардонидани заминаи назарявии таҳқиқот аҳаммияти муҳим дорад, аммо такяи аз ҳад зиёд ба адабиёти хориҷӣ метавонад арзиши мустақили таҳқиқоти миллиро кам намояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва натиҷаҳои илмӣ ба талаботи муқарраргардида мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дониста мешавад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферати Исломзода Илҳом Ислом дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи кафедра таҳти №8 аз 30 марти соли 2026.

Такризи муассисаи пешбар аз ҷониби Абдуллаев Н.С. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 5.5.8.), дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи кафедра № 8 аз 30 марти соли 2026.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Абдуллаева Р.А.

**Ташхисгар:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Абдуллаев Н.С.

**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Чоршанбиев А.Ч.

Имзои Абдуллаева Р.А., Абдуллаев Н.С., ва котиби
ҷаласа Чоршанбиев А.Ч.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н.

ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30
Тел.: (+992 37) 221-35-50; Email: p.rektora@mail.ru

«31» 03 2026 сол.